# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.**

**– шаҳри Душанбе, 2026, 12 саҳифа.**

**Мутобиқати мавзу ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии *5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология* махсусан ба бандҳои 36 – «таърихи психологияи ватанию хориҷӣ. Баҳамалоқамандии ҷаҳонбинии муҳаққиқ ва андешаҳои психологии ӯ» ва банди 37 – «таърихи психология» мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Искандарзода Манижа Раҳматуло – «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)», хеле муҳим ва саривақтӣ аст.

Воқеан, омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони муосир яке аз самтҳои калидии илми тоҷик ба шумор меравад. Баъд аз ба даст овардани соҳибихтиёрии сиёсӣ, илми тоҷик ба марҳалаи нави рушд ворид шуд, ки ин боиси тағйири куллии таҳқиқоти илмӣ ва муқоисаи онҳо бо давраи шӯравӣ гардид.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи психологияи ватанӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷаи илмӣ дошта, дар заминаи он на танҳо олами психикии ҳар як фарди солими ҷомеа омӯхта мешавад, балки барои ҳалли мушкилоти воқеии психологӣ таъсиргузор аст.

Дар ҳақиқат мубраммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи психологияи илмию амалии тоҷик ва дурнамои рушди он дар замони истиқлолият ҳанӯз ба таври зарурӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Омӯзиши психологияи ватанӣ - ин на танҳо як зарурати илмӣ, балки ҳамчун ҳимояи амнияти миллии кишвар дар замони дигаргуншавӣ мебошад. Чунин таҳқиқотҳо дар замони муосир барои он зарур аст, ки

ҷомеа бояд аз ҷиҳати психикӣ солим, устувор ва ба хатарҳои муосир таҳаммулпазир омода бошад.

Мувофиқи андешаҳои довталаби дараҷаи илмӣ мубраммияти масъалаи мазкурро метавон ба чанд самти муҳим ҷудо намуд:

1. Мутобиқ набудани психологияи илмӣ ва амалӣ ба менталитет ва фарҳанги миллӣ. Назарияҳои психологии ғарбӣ на ҳамеша ба психологияи мардуми мо мувофиқат мекунанд. Омӯзиши психологияи ватанӣ нишон медиҳад, ки усулҳои ташхиси психологӣ дар асоси арзишҳои миллӣ, анъанаҳо ва менталитети тоҷикона сохта нашудаанд.

2. Муборизаи пайваста бо таҳдидҳои замони муосир ва идеологияҳои бегона. Таҳлили психологии раванди ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои пешгирикунандаи психологӣ дарёфт ва сохта шаванд. Дар пешгирӣ аз таъсири манфии иттилооти беруна интихоби дурусти усулҳои ташхисӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

3. Мусоидати психологияи ватанӣ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва оилавӣ. Нақши психологияи ватанӣ дар омӯзиши сабабҳои психологии низоъҳои оилавӣ дар шароити муосири Тоҷикистон ва пайдо кардани роҳҳои илмии ҳалли онҳо хеле калон буда, дар солимии психикии кӯдаконе, ки волидонашон ба гурӯҳҳои хатарнок майл доранд кӯмак мерасонад.

Мубраммияти хоси ин масъала боис гардид, ки маводи фаровони таҷрибавӣ гирдоварӣ карда шавад. Таҷрибаи андӯхтаи унвонҷӯ замина мегузорад, ки мушкилоти баррасишаванда бо назардошти дастовардҳои психология ва илмҳои ҳамгиро ҳаллу фасл карда шаванд. Бо баррасии нуктаҳои илмию назариявии дар таҳқиқот баёншуда, метавон хулосаи муаллифи рисоларо ба тарзе дарк кард, ки ҷанбаҳои муосири рушди донишҳои психологии ватанӣ дар замони имрӯза ҳамчун зарурати ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар кардани сифати таҳсилот фаҳмид.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи диссертатсионии Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)», мубрам буда, ба самтҳои аввалиндараҷаи таҳқиқот ва амалияи психологӣ дар кишвар аз расонидани кумаки психологӣ ба қурбониёни офатҳои табиию

техногенӣ, танзими муносибатҳои оилавӣ ва дастгирии нафарони сарсоншуда иборат буда, ҳамзамон, кор бо кӯдакону оилаҳои осебпазири ба гурӯҳҳои ифротӣ майлдошта, иҷрои ташхисҳои судӣ-психологӣ ва солимии психикии ҷомеа аз таҳдидҳои замони муосир тақозо менамояд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳияи рисолаи худ ба сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони соҳаи психология, асарҳои олимони барҷастаи шуравӣ, ки марбут ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, асосан ба маводу сарчашмаҳои илмӣ такя намуда, мавзуи таҳқиқотиро дар доираи методологияи илмӣ мавриди муҳокима қарор додааст.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва кори таҳқиқотӣ маълум гардид, ки муаллиф дараҷаи пажӯҳиши мавзуро дар заминаи таъриху консепсияҳои миллию минтақавии психология ва доираи омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ арзёбӣ кардааст. Ҳамзамон, дар кори таҳқиқотӣ усулҳои муосири психологияи амалӣ ва машварати психологӣ, таҷрибаи муаллифони хориҷӣ ва фаъолияти психологҳо махсусан дар соҳаҳои низоми маориф мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили таҳқиқоти илмӣ маълум гардидааст, ки дар ҷодаи масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ махсусан, психологон, файласуфон ва педагогон низ ҳисса гузошта шудааст. Аз назари унвонҷӯ бо дарназардошти таҳқиқотҳои зиёди муҳакиккони ватанӣ рушди психологияи илмию амалӣ мушаххасан дар кишвар мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Асосҳои умумии назариявӣ ва методологии психология дар асарҳои олимони барҷастаи даврони шуравӣ гузошта шудаанд. Асарҳои онҳо асосҳои консептуалии рушди самтҳои миллии психологияро ғайр аз дигар кишварҳо дар Тоҷикистон низ ташкил додаанд. Дар рисолаи илмӣ пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуктаҳои илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот нишон дода шудааст. Ҳангоми таҳлили мушкилоти мавҷуда дар диссертатсия аҳаммияти назариявию амалии мавзу, мақсад, вазифа ва объекту предмети таҳқиқот муайян карда шудааст.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар диссертатсия аз он лиҳоз муҳим арзёбӣ мегарданд, ки унвонҷӯ навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионии хешро роҷеъ ба таҳқиқи масъалаи таърихи рушди психологияи илмию амалӣ бахшидааст ва чунин масъалаҳоро дар бар гирифтааст:

- оид ба масъалаи таҳлили системавии таърихи рушд ва вазъи кунунии психологияи ватанӣ таҳқиқотҳои психологӣ анҷом дода шуда, бо мақсади пажӯҳиши амиқи илмӣ корҳои озмоишӣ ба роҳ монда шудааст;
- дар масъалаи ишғол шудани ҷойҳои психологони касбӣ аз ҷониби шахсони тасодуфӣ боварии мардум ба мутахассис паст гаштааст ва унвонҷӯ инро дар расонаӣ нашудани дастовардҳои психологон мебинад;
- вобаста ба мушкилоти психологияи амалӣ дар мамлакат аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ нишон дода шудаст, ки нигоҳи мардум ба вазъи кунунӣ нодуруст нигаронида шудааст;
- ба андешаи унвонҷӯ дар фаъолияти касбӣ такмили қобилият ба эмпатия нақши ҳалкунанда дорад ва ҳангоми набудани он дар фаъолияти психологияи илмию амалӣ монеа ба назар мерасад;
- аз ҷониби муаллиф ҷиҳати масъалаи мазкур пурсишномаҳои психологӣ эҷод карда шуда, мавриди истифода қарор гирифта шудаанд.

Дар маҷмӯъ, навовариҳои илмии пешниҳодшуда дар диссертатсияи мазкур нишон медиҳанд, ки таҳқиқот дорои аҳаммияти назаррас буда, масъалаи мубрами соҳаи психологияро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Нуқтаҳои илмии пешниҳодшуда ҷанбаҳои гуногуни масъалаи болозикрро фаро гирифтааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои диссертант маълум карда шудааст, ки дар сатҳи рушд психологияи илмӣ ва психологияи амалӣ бошад дар зинаи баланди инкишоф қарор дорад. Ба назари муҳақиқ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи рушди психологияи илмию амалӣ се давраро паси сар кардааст. Чунин давраҳо дар асоси андешаҳои илмӣ-психологии мутафаккирон ба амал омадааст.

Дар натиҷаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои психологӣ маълум гаштааст, ки байни психологҳои академию амалӣ тафовут ба мушоҳида мерасад. Чунин тафовут дар сифатҳои фарқкунандаи шахсияти

мутахассисон дидан мумкин аст ва бинобар сабаби расонаӣ нашудани дастовардҳо фаъолияти мутахассисони касбӣ назарнорас боқӣ мемонанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз асоснокии мавқеъҳои бунёдии методологӣ ва татбиқи раванди натиҷаҳои таҳқиқот сарчашма мегирад. Он ҳамчунин бо истифодаи маҷмуи методҳои назариявию амалии мувофиқ ба объект, предмет, мақсад, фарзия ва вазифаҳои пажӯҳиш таъмин гардидааст. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои мусбати кори озмоишӣ ва таҳлили сифатии маълумот бо коркарди миқдории онҳо оварда шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда маҳсули таҳлили амиқи назариявию амалии мавзу буда, дорои пайвастагии қатъии мантиқӣ доранд. Онҳо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва фарзияи асосии рисолаи илмиро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи пурсишномаи аз ҷониби диссертант таҳиягардида бо дарназардошти усулҳои муосири таҳқиқот ва принсипҳои илмӣ, санҷиши маълумот аз манбаъҳои гуногуни адабиёти илмӣ таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои пажӯҳиш, яъне тафовути психологияи илмӣ ва амалӣ дар заминаи усули таҳлиливу муқоисавӣ ба даст омада, дар матни рисола таҳлилу баррасӣ шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:** Сохтори пешниҳодшудаи диссертатсия, ки аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯйи адабиёт, феҳристи интишороти илмӣ ва бахши замимаҳо иборат аст. Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ оварда шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда қайд шудаанд.

Дар муқаддима аҳаммият ва мубраммияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия**, ки зери унвони *«Заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди психология»* интишор шуда, сохтори мантиқӣ ва мувофиқ ба баррасии заминаҳои назариявии таҳқиқот равона гаштааст. Ин

боб аз 2 зербоб иборат буда, давраҳои гуногуни донишҳои таърихии илми психологияро таҳқиқ мекунад.

**Дар зербоби якуми диссертатсия** дар доираи мавзуи *«Рушди ғояҳои психологӣ дар таълимоти мутафаккирони Шарқ»* сохта шуда, сухан дар бораи таърихи пайдоиши назарияи таълимот дар бораи психика ва илми психология аз нигоҳи муҳаққиқони бузург нигаронида шудааст. Дар ин ҷода таълимот ва назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ дарҷ ёфтаанд. Ҳамчунин, диссертант дар ин зербоб ба масъалаи таърихи рушди психология дар доираи илми фалсафа ва афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс такя намуда, маълумоти муфассал овардааст. Як қисмати муҳими масъала дар он ифода меёбад, ки диссертант мулоҳизаҳои илмӣ-психологии мутафаккирони форсу тоҷикро мавриди таҳлил қарор дода, ҳиссаи гузоштаи онҳоро дар ҷодаи психологияи илмӣ ва амалӣ дар кори диссертатсионии худ нишон додааст.

**Зербоби дуюми рисолаи илмӣ** дар мавриди таҳқиқи масъалаи *«Даврабандии рушди психология дар Иттиҳоди Шуравӣ»* нигаронида шудааст. Дар ин зербоб марҳилаи ташаккули парадигмаҳои илмӣ муайян карда шудаанд. Муҳаққиқ сарчашмаи пайдоиши аввалин барномаҳои илмии таҳиякардаи олимони барҷастаи илми психологияро муайян карда, консепсияҳои илмии олимони ғарбу шаркро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Довталаби дараҷаи илмӣ накши муҳаққиқонро дар рушди психологияи илмӣ ва амалӣ ишора намуда, роҷеъ ба таърихи рушди ин соҳаҳои таҳқиқотӣ ибрози андеша кардааст ва дар асоси таҳлили андешаҳои болозикр назарияҳои олимонро дар рушди психологияи илмию амалӣ, аз он ҷумла, бемориҳои психосоматикӣ, образи пеш аз ренессанси ҷаҳон, инкишофи консерватизм ва дигар масъалаҳои ба он марбутбударо баррасӣ намудааст.

Инчунин дар ин зербоб таърихи психологияи эмперикӣ аз таърихи пайдоиши илми психология то психологияи шуравию хориҷӣ алоқаманд бо мафҳумҳои психологияи эмпирикӣ, психологияи экспериментaлӣ, психологияи практикӣ, ченкуниҳо дар психология шарҳу эзоҳ ёфта, методҳои асосии таҳқиқи зуҳуроти психика муайян карда шудаанд. Ба андешаи унвонҷӯ заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди психологияи

эмпирикӣ аз донишҳои фалсафӣ сарчашма гирифта, методҳои мушоҳида, эксперимент ва тестгузаронӣ дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд. Дар ин самт таълимоти бихевиоризм, психологияи гуманистӣ, психологияи эмпирикии муосир таҳлил карда шудаанд.

Нуқтаи муҳим дар он ифода меёбад, ки дар рисолаи илмӣ нақши психологияи шуравӣ дар рушди психологияи илмӣ ва амалӣ, махсусан, заҳматҳои академик Давид Иософович Фелдштейн, Михаил Григоревич Ярошевский – доктори илмҳои психологӣ, профессор ва олими ватанӣ Разиюлло Атохонов аввалин доктори илмҳои психологӣ, профессор дар бунёд ва рушди психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора шудааст.

**Боби дуюми** рисолаи илмии М.Р. Искандарзода дар бораи *«Рушди психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон»* интишор шуда, мушкилот ва вазъи оқибатҳои ҷанги шарҳрвандӣ, заминаҳои ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, вазъи психологии мардуми тоҷик дар давраи баъдиҷангӣ, барномаҳои телевизионии даврони соҳибистиқлолӣ, таҳлили барномаҳои хусусияти психологидоштаи шабакаҳои иҷтимоӣ таҳлил карда шудаанд ва он аз ду зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якуми** боби дуюми диссертатсия, ки масъалаи *«Заминаҳо ва хусусиятҳои рушди психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон»* баррасӣ гаштааст, зарурати таърихи рушди психологияи илмию амалӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ дар се соҳаи барои пешрафти давлат муҳим, яъне соҳаи маориф, соҳаи сохторҳои низомӣ ва самти фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ нишон дода шудааст. Дар ин қисмат заминаҳои рушди психологияи илмию амалӣ дар соҳаи маорифи кишвар таҳқиқ шуда, навгонии соҳаҳои илми психологияи ватанӣ, аз он ҷумла, таҳқиқотҳои психологӣ дар самти масъалаҳои актуалии соҳа, таъсис ёфтани шуъбаи психология бо ташаббуси доктори илмҳои психологӣ, профессор Р. Атохонов, рушди психологияи амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби психологҳои соҳаи академию амалӣ, таъсиси ташкилоти ҷамъиятии равоншиносон-машваратчиён ва равондармонҳои Тоҷикистон, Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси психология ва дигар дастовардҳои замони истиқлол дар психологияи ватанӣ дарҷ карда шудаанд.

Дар доираи комёбиҳои соҳавӣ, инчунин, дар рисола масъалаи рушд ва дурнамои инкишофи психологияи илмию амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар сохторҳои низомӣ ва дигар корхонаҳои илмию хизматии кишвар таҳқиқ гардида, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ вобаста ба кору фаъолияти психолог ишора гардидаанд.

**Зербоби дуюми** боби дуюм зери унвони *«Таҳлили муқоисавии фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ дар марҳилаи кунунии рушди психологияи ватанӣ»* дарҷ ёфтааст. Дар ин зербоб унвонҷӯ масъалаи касбиятро дар алоқамандӣ бо вазифаҳои пурмасъулият муайян кардааст. Ӯ қайд кардааст, ки дар даврони психологияи шуравӣ, психологияи рус ва даврони соҳибистиқлолӣ таҳқиқотҳои бузург анҷом дода шудаанд, ки дар чунин давраи муайян усулҳои гуногун дар масъалаи омӯзиши касбият ва консепсияи илмӣ татбиқ гаштаанд. Инчунин, унвонҷӯ вобаста ба мушкилот истилоҳи касбиятро дар доираи корҳои аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ коркардшуда таҳлилу баррасӣ намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** ба самти корҳои амалӣ-озмоишӣ равона шудааст ва натиҷаи озмоишро ҷамъбаст ва хулосабарорӣ намудааст ва он зери унвони *«Таҳқиқи озмоишии рушд ва дурнамои психологияи илмию амалӣ дар шароити кунунии ҷомеаи тоҷикистонӣ»* мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳлили нуқтаҳои асосии диссертатсия дар ду зербоб инъикос ёфтааст.

**Зербоби якуми** боби мазкур дар мавзуи *«Ташкил намудани таҳқиқот: тавсифи гурӯҳчинӣ ва методҳои таҳқиқотӣ»* навишта шудааст. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар ду гурӯҳи экспертӣ ва ду гурӯҳи озмудашавандагон, дар маҷмуъ, бо 200 нафар гузаронида шуд. Аз ин шумора 75 нафар экспертони илмӣ (психологони академӣ), 75 нафар экспертони амалӣ (психологони амалӣ), 50 нафар шаҳрвандон аз тамоми миқёси ҷумҳурӣ ҷалб шудаанд, ки ин эҳтимолияти рушди психологияи ватаниро дар тамоми кишвар муайян мекунад.

Дар ин зинаи таҳқиқот тафовути сифатҳои муҳимми касбии психологони академию амалӣ муайян карда шуда, асосан, дар ин ҷода дониши амиқи касбӣ, қобилияти таҳлилнамоӣ ва ҳали мушкилот, тафаккури интиқодию эҷодӣ, маҳорату малакаҳои коммуникативӣ ва ғайра

мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Барои ташкили давраи эмпирикии таҳқиқот дар ҳар як гурӯҳ марҳалаҳои таҳқиқот ба роҳ монда шудаст.

Муаллиф барои дуруст амалӣ сохтани таҳқиқот аз методҳои таърихӣ-генетикӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-синтезӣ ва таҳлили биографӣ-шахсӣ истифода намудааст, ки қисмати якуми таҳқиқотро дар бар мегиранд.

**Дар зербоби дуюми** боби сеюми диссертатсия, ки вобаста ба *«Муайян кардани вазъ, мушкилот ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои академию амалӣ ва қобилият ба эмпатия дар онҳо»* таҳқиқоти амалӣ ба роҳ монда шуда, тавассути пурсишномаи таҳияшуда вазъи психологияи илмию амалӣ бо иштироки шаҳрвандони одӣ ва дорои дараҷаи таҳсилоти олӣ муайян карда шудааст. Дар ин қисмати кор натиҷаи пурсишнома коркард ва шарҳу возеҳ дода шудааст.

Дар робита ба масъалаи мазкур муҳақиқ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои психологияи илмию амалӣ ва ҳам сифатҳои муҳимми касбии ин навъи фаъолият гурӯҳи экспертии амалӣ ва илмиро барои ҳамкорӣ ҷалб намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот шарҳ дода шуда, дар диаграммаҳо тасвир ёфтаанд.

Ба андешаи муҳақиқ доштани дониши амиқи илмӣ сифати асосии психологони академию амалӣ буда, дар рафти фаъолияти касбӣ аз психологони амалӣ тақвияти дониши соҳавӣ ва аз психологони академӣ бошад дар баробари донишҳои соҳавӣ, такмил додани дониши амиқи соҳаҳои бо ҳам наздик талаб карда мешавад.

**Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқотии диссертант Искандарзода Манижа Раҳматуло** таҳлил ва баррасӣ гашта, мазмун ва моҳияти фарзияҳои рисолаи илмиро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои асосии рисола дар корҳои чопии муаллиф дарҷ ёфтаанд ва онҳо дар ҳамоишҳои илмии кафедра, конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ муҳокима гардидаанд. Аз ҷониби унвонҷӯй 4 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ба табъ расидааст, ки мазмуну моҳияти рисолаи илмиро дар бар мегирад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ ва

истифодаи мақсадноки методҳои таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот наздиканд, мувофиқ дониста мешаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии рисолаи илмӣ.**

Довталаби дараҷаи илмӣ дар самти аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори худ қайд мекунад, ки бо эҷод ва истифодаи усулҳои ташхисӣ таҳлили ҳолати кунунии психологияи ватанӣ ва таснифи сифатҳои касбии мутахассисон арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар раванди таълими фанҳои психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дар фаъолияти хадамоти кадрии муассисаҳо ҳангоми интихобу қабули мутахассисони соҳа ба кор ба таври васеъ истифода бурд.

Илова бар ин, бо такя ба таҳқиқоти илмии унвонҷӯ гуфтан мумкин аст, ки то имрӯз чунин таҳқиқоти илмӣ дар ҷумҳурӣ амалӣ нагаштааст. Дар китобҳои дарсии барои донишҷӯён омодашуда доир ба мулоҳизаҳои алоқаманд ба рушди психологияи илмию амалӣ ва тафовути натиҷаҳои илмии коркардшуда дар ин самт маводи кам ба мушоҳида мерасад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда дар 4 мақола ва инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳои умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва аз рӯйи муқаррароти шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси **5.1.1. – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология** омода карда шудааст.

**Автореферати диссертатсия** дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тамоми моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро дар бар мегирад. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур камбудиҳо низ ҷой доранд ва онҳоро метавон чунин ишора кард:

1. Ҳар як зербоб бо хулоса ҷамъбаст намешавад. Зербоб бояд бо як мулоҳизаи мушаххас анҷом ёфта, идомадиҳандаи фикру мулоҳиза дар зербоби навбатӣ бошад;
2. Дар боби 2 сухан дар бораи «заминаҳо ва хусусиятҳои рушди психология» меравад. Боби мазкур доир ба марҳилаҳои рушди илми психология бахшида шудааст. Ба фикри ман ба ҷойи мафҳуми «хусусият» «марҳила» истифода шавад, мантиқан дуруст шуморида мешавад;
3. Диссертант дар саҳ.75-76-и рисолаи худ масъаларо тарзе ифроз кардааст, ки гуё офати табиӣ аз нав дар минтақаи қайдгардида ба амал меояд. Онро ба таври умумӣ шарҳ додан лозим аст, чунки чунин масъала барои омодагӣ ба тамоми минтақа мутаалиқ аст;
4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи **Искандарзода Манижа Раҳматуло** дар мавзуи **«Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)»** кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи таҳиянамудаи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон

(таҳлили системавӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои психологӣ,
ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Холиқзода Холмаҳмад Холиқ

«08» 06 соли 2026

Маълумот барои тамос: 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, к. Қурбон Раҳимов, хонаи 78
Тел: +992 205 800550;
E-mail: kholmahmad_29@mail.ru

Имзои Х.Х. Холиқзодаро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х.С. Ҳакимова

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассиса:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи А.Адҳамов 11/2
Тел.: 2274525, 2270238
«08» 06 соли 2026